**Тақриз**

ба автореферати диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ " ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

Рушди соҳаи гӯсфандпарварӣ, ҳифзу нигоҳдошти зотҳои нодири ватанӣ, аз ҷумла зоти сергӯшту серпашми тоҷикӣ, ки ба шароитҳои иқлими ҷумҳурӣ хуб мутобиқанд, барои таҳкимбахшии иқтисодиёти кишвар, истеҳсоли ашёи хоми ватанӣ (пашму пӯсти хушсифат) барои рушди саноат, инчунин бо шуғли доимӣ фарогирии аҳолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти хоса дорад.

Дар алоқамандӣ бо ин мукаммалгардонии минбаъдаи сифатҳои маҳсулнокии зоти гӯсфандони гӯшту пашму равағандеҳи тоҷикӣ, нигоҳдорӣ ва зиёд намудани саршумори онҳо, баланд бардоштани сифатҳои зотии онҳо, тарҳрезӣ намудани усулҳои селексияи дохилизотӣ гузаронидани корҳои селексионии мақсаднокро талаб менамояд. Бинобар ин сабаб, дар айни замон омӯзишҳо оид ба муайян намудани афзоиши рушд ва инкишофи гӯсфандони зоти тоҷикӣ дар давраи онтогенез вобаста ба интихоб ва хостагирии онҳо аз рӯйи авлодҳои мавҷуда дар дохили зот, омӯхтани самаранокии ҷуфтикунонии меш ва қӯчқорҳо аз рӯйи мансубияти онҳо ба авлод ва дар ин асос кор карда баромадани самаранокии селексияи дохилизотӣ аз рӯйи авлодҳо хело муҳим мебошад.

Бинобар ин сабаб кори диссертатсионии Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯи "Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ " масалаи муҳими такмил додании маҳсулнокии ин зоти гӯсфандон ба шумор меравад.

Унвоҷӯъ дар асоси истифода намудани усули селексияи дохилизотӣ муайян намудааст, ки дар дохили зот вазни зиндаи нисбатан баландро авлоди якум ва даҳум доро мебошанд, ки ин нишондод дар қӯчқорҳо мутаносибан ба 70,0-68,0 кг ва модина бошад ба 57,8- 57,2 кг-ро ташкил менамояд. Аз таваллуд то 13,5 моҳи парвариши панҷ авлоди мавҷуда ченакҳои бадани ҷинсҳои нарина ва модина онҳо ба ҳисоби миёна - баландии то ёл 9,6 %, дарозиии каҷи бадан 14,7 % ва 15,7 %, паҳмии қафаси сина 23,9 ва 27,1 %, чуқурии қафаси сина 17,5 ва 19,9 %, даври қафаси сина 14,1 ва 15,7 %, даври думба бошад 4,7 ва 15,7 % зиёд шудааст. Дар маҷмуъ аз таваллуд то ба балоғат расидан ченакҳои бадани гӯсфандони муқоисашаванда то 3-маротиба ва дар баъзе ҳолатҳо аз ин ҳам зиёд гаштааст. Ин нишондодҳо дар маҷмуъ аз зудрасии баланди гӯсфандони зоти тоҷикӣ далолат медиҳад.

Дар асоси гузаронидани корҳои ҷрогардида Муайян карда шудааст, ки даромади соф аз фӯрӯши қӯчқорбараҳҳои наслии ҷуфтикунонии авлодҳои

I × IV ба даст овардашуда 396 сомониро ва аз авлоди X × VIII ба – 318 сомонӣ ташкил намудааст.

Корҳои иҷрогардидаи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар мавзӯъи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ” дорои аҳмияти амалию назариявӣ дошта ба талаботҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои диссертасияҳои номзадӣ пешниҳод шудаст ҷавобгу мебошад ва худи муалиф Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед барои додани унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ сазовор мебошад.

Профессори кафедраи замбуриасалпарварӣ,
парандапарварии Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,
доктори илмҳои кишоварзӣ Шарипов А.
Телефон: +992 918 42 20 30
Почтаи электронӣ: a/sharvpov1951@mail.ru

Имзои профессор Шарипов А.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур
Қурбонзода А.Х.

12 декабри соли 2024.